# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Буриев Бахтиёр Болтаевич дар мавзуи «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот дар он аст, ки мавзуи пажӯҳиши пешниҳодгардида ба масъалаи муҳими соҳаи педагогикаи муосир - рушди қобилияти эҷодии хонандагон тавассути ворид намудани унсурҳои таърихи илми математикӣ дар равнди таълим бахшида шудааст. Дар замони ҳозира, ки таҳаввулоти босуръати илму техника талаб менамояд, ки насли наврас соҳиби андешаи мустақил, эҷодкор ва қобили дарёфти роҳҳои ҳалли муаммоҳои нав бошад, омӯзиши таҷриба ва мероси илмии олимони барҷастаи асримиёнагии Шарқ метавонад ҳамчун захираи арзишманд ва муҳими таълимӣ хидмат кунад.

Диссертатсияи Буриев Бахтиёр Болтаевич дар мавзуи **«Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ»** бо сиёсати таълимии кишвар, ки ба рушди шахсияти эҷодкор ва ватандӯст равона шудааст, комилан ҳамоҳанг мебошад. Аз ин лиҳоз, мавзуи таҳқиқотӣ муҳим ва саривақтӣ буда, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Дар диссертатсия ҳадаф, вазифаҳо, объекти таҳқиқ ва предмети он равшан муайян гардида, мантиқии ҷустуҷӯи илмӣ ва методологияе, ки бар асоси тамоюлҳои низомӣ-фаъолиятӣ, салоҳиятнокӣ ва арзишмандӣ бунёд ёфтааст, пешниҳод шудаанд.

Муаллиф дар тадкиқоти худ кӯшиш кардааст, ки масъалаи ташаккули қобилияти эҷодии хонандагонро тавассути ворид намудани маводи таърихию илмӣ, ки ба фаъолияти олимони номвари асримиёнагии Шарқ — чун Ал-Хоразмӣ, Абӯрайҳони Берунӣ, Умари Хайём, Насириддини Тӯсӣ ва дигарон тааллуқ дорад, ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор диҳад.

Дар асоси таҳлил ва омӯзиши амиқи манбаъҳои таърихӣ ва таълимию методӣ муаллиф модели дидактикии ташаккули қобилияти эҷодиро пешниҳод намудааст, ки аз ҷузъҳои марҳилавӣ иборат аст: омодагӣ, дарк,

таҳлил, татбиқ ва арзёбӣ. Ин равиш имкон медиҳад, ки хонандагон на танҳо донишҳои энсиклопедӣ, балки малакаҳои таҳлилӣ ва эҷодии худро низ рушд диҳанд.

Муаллиф дар рафти таҳқиқ усулҳои гуногуни тадқиқоти илмии педагогиро, аз ҷумла таҳлили мазмунӣ, таҷрибаи педагогии озмоишӣ, назарсанҷӣ ва омӯзиши таҷрибаи пешқадамро истифода бурдааст, ки ба боэътимодӣ ва аҳаммияти натиҷаҳои бадастомада замина мегузорад.

Унвонҷӯй тавонистааст як қатор масъалаҳои назариявӣ ва амалии таълими математика дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумиро бо истифода аз мероси математикӣ равшан намояд. Аз ҷумла:

- таҳия ва такмили усулҳои ҷалби мероси математикӣ дар раванди дарс;

- пешниҳоди машғулиятҳо ва масъалаҳои эҷодӣ дар асоси корҳои илмии донишмандони Шарқ;

- пешниҳоди тавсияҳо барои омӯзгорон ҷиҳати таҳкими заминаи эҷодӣ дар раванди таълим.

Муаллиф тавонистааст, ки дар ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон моделе таҳия намояд, ки ҳадафи асосии он ба: рушди тафаккури эҷодӣ ва қобилияти ғайристандартии ҳал кардани супоришҳо дар хонандагон; ташаккули таваҷҷӯҳ ба математика тавассути заминаи фарҳангӣ ва таърихӣ; азхудкунии усулҳои мушаххаси ҳалли масъалаҳое, ки олимони шарқии асримиёнагӣ таҳия намудаанд, равона шудааст.

Натиҷаҳои илмии тадқиқот метавонанд дар фаъолияти омӯзгорони математика, таҳиягарони барномаҳои таълимӣ ва инчунин дар курсҳои такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ истифода бурда шаванд.

Бо вуҷуди афзалиятҳои зиёд, дар кори илмӣ - таҳқиқотии мазкур нуқсонҳои хурд мушоҳида мешаванд: Дар таҳқиқот, шарҳи баъзе мафҳумҳо ниёз ба дақиқсозии истилоҳӣ доранд (ба мисли “эҷодкорӣ” ва “қобилияти эҷодӣ” дар контексти таълими математика); хубтар мешуд, агар маълумот дар бораи баҳодиҳии миқдории натиҷаҳои озмоишӣ бо ҷадвалҳо ва диаграммаҳои (гистограмма як шакли диаграмма аст) иловагӣ мукаммал гардад.

Бо вуҷуди ин эродҳои болозикр ба аҳамият ва муҳтавои умумии таҳқиқоти анҷомёфта таъсири манфӣ намерасонанд.

Бо дарназардошти натиҷаҳои пешниҳодшуда, бо боварии комил метавон гуфт, ки диссертатсияи мазкур дар рушди илми педагогика ва методикаи таълими математика саҳми назаррас хоҳад дошт.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Буриев Бахтиёр Болтаевич дар мавзуи **«Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ»** ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, дар он масъалаи ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути истифодаи мероси математикӣ ҳамаҷониба таҳлил ва асоснок шудааст. Мазмун ва сохтори таҳқиқоти илмии мазкур ба талаботи Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (тағйиру илова аз 26.06.2023, №295)) мутобиқат мекунад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.


**Тақриздиҳанда:**
Доктори илмҳои педагогӣ, мудири
кафедраи методикаи таълими математикаи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи С. Айнӣ, дотсент Мирзозода Р.Р.

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
кучаи Н. Қаробоев, бинои 92, ҳуҷраи 6.
Тел: (+992) 918-63-62-37
E-mail: r_mirzoev1966@mail.ru


Имзои д.и.п., дотсент Мирзозода Р.Р.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.


Суроғаи муассиса:
734003, шаҳри Душанбе,
ноҳияи Исмоили Сомонӣ, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Тел: (+992-37) 224-13-13
E-mail: info@tgpu.tj


20.08.2025